آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

19 апрели соли 2023 Чоршанбе

№ 31 (14939)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ҲАЙАТИ ИТТИҲОДИ АВРУПОРО ҚАБУЛ КАРД



**Тараққиёти ноилгардида дар соҳаи таъмини манфиат ва ҳуқуқи инсон, инчунин қадамҳои минбаъда дар заминаи васеъ намудани ҳамкории амалӣ бо институтҳои ИА ҳангоми мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо ҳайати Иттиҳоди Аврупо баррасӣ гардид, ки 18 апрел ба вуқӯъ пайваст.**

Ҷониби Аврупо дар қабул бо вакили махсуси ИА оид ба ҳуқуқи инсон Имон Гилмор ва вакили махсус оид ба Осиёи Марказӣ Терхи Ҳакала намояндагӣ намуд.

Бо қаноатмандии том дараҷаи имрӯзаи баланд ва босамари ҳамкории бисёрҷонибаи байни Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо таъкид гардид.

Дар тамоми дараҷаҳо робитаи фаъол идома дорад.

Дар солҳои охир ба туфайли шартҳои пешниҳоднамудаи ҷониби Аврупо – «GSP+» дар савдои тарафайн ҳаҷми ҳамкорӣ муттасил зиёд гардида, миқдори лоиҳаҳои сармоягузории тавфиқёбанда меафзоянд. Ғайр аз ин чорабиниҳои зиёди назарраси соҳаи табодули маданиву гуманитарӣ ба амал меоянд.

Намояндагони ИА бори дигар дар бораи дастгирии ҷиддии стратегияи бебозгашти татбиқгардандаи ислоҳот дар Ўзбекистони Нав изҳор намуданд.

Дастовардҳо дар таъмини ҳуқуқи инсон, рушди ҷамъияти шаҳрвандӣ, баробарии ҷинсӣ, решакан намудани меҳнати маҷбурӣ ва самтҳои дигар олӣ арзёбӣ гардиданд.

Аҳамияти раъйпурсии оянда дар бобати дохил намудани тағйирот ба Қонуни асосии Ҷумҳурии Ўзбекистон таъкид шуд.

Аз он ҷумла, ҷониби Аврупо тағйироти банақшагирифташударо, ки минбаъд пурзӯр намудани кафолати ҳуқуқ ва озодии инсон, аз он ҷумла татбиқи «қоидаи Миранда» ва «Ҳабеас корпус», ҳуқуқҳои иҷтимоиву экологӣ, ҳуқуқи ҷавонон, рушди институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ, таҳкими бекор намудани ҳукми куш ва ғайраро пешбинӣ менамояд, истиқбол намуд.

Инчунин ҷанбаҳои муҳими мавзӯи минтақавӣ муҳокима гардида, масъалаҳои омодагӣ ба чорабиниҳои муштараки оянда баррасӣ гардиданд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# ЛОИҲАҲОИ СОҲАҲОИ ХОҶАГИИ ОБ ВА САНОАТИ ДОРУСОЗӢ МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

**Президент Шавкат Мирзиёев 18 апрел дар бораи муҳокимаи лоиҳаҳое, ки дар хоҷагии об ва дорусозӣ татбиқ мегарданд ва ҳамчунин дар бораи вазифаҳои оянда ҷамъомад баргузор намуд.**

Дар аввал 4 мушкили асосӣ дар соҳаи идораи захираҳои об – талафи об дар каналҳо, сермасрафии пойгоҳҳои насос, маҳдудияти захираи об ва дараҷаи нокифояи татбиқи технологияи сарфакунандаи об таҳлил гардиданд.

Аз он ҷумла, бинобар коэффисиенти пасти ҳаракати муфиди каналҳо ва талафоти зиёди об дар шабакаҳои дохилӣ хоҷагии қишлоқ соле 4 миллиарду 800 миллион долларро аз даст медиҳад.

Бинобар ин ба сифати озмоиш ба кор бурдани низоми қубурҳои оби обшоркунанда дар ноҳияи Пахтакори вилояти Ҷиззах ба нақша гирифта шудааст.

Роҳбари давлат пешниҳодоти ташаббускори ин лоиҳаро шунида, онро дастгирӣ намуд ва ногузирии ба амал овардани чунин корҳоро дар вилоятҳои Қашқадарё, Намангон, Сирдарё таъкид кард, ки дар онҳо барои таъмини об харҷ хеле зиёд аст.

Андешидани чорабиниҳо дар бобати коҳиши харҷ дар доираи лоиҳа бо истифода аз бархурди илмӣ, таҳияи барномаи дусолаи татбиқи низоми обшорӣ аз тариқи қубури об супурда шуд.

Об дар майдонҳои дурдаст бо василаи пойгоҳҳои насос расонда мешавад. Аксарияти онҳо куҳна шудаанд ва энергияи зиёд тақозо мекунанд. Ҳанӯз ягон пойгоҳи бузурги насос ба манбаи муқобили энергия гузаронда нашудааст. Бисёр соҳибкорон аз ин манфиатдоранд, аммо лоиҳаҳои истиқболноки онҳо татбиқ намегарданд, чунки шароити дақиқ вуҷуд надорад. Дар натиҷа барои обҷабии насосҳо аз буҷа маблағи зиёд харҷ мегардад.

Бинобар ин дар бобати ба ихтиёри соҳибкорон додани пойгоҳҳои насос бо шарти шарикии хусусӣ ва истифодаи манбаъҳои энергияи муқобил супурда шуд. Ба ин олимони Донишгоҳи миллии тадқиқотии «Донишкадаи муҳандисони обёрӣ ва механизатсияи хоҷагии қишлоқи Тошканд» ҷалб карда шуда, лоиҳаҳои босамар бо шартҳои имтиёз соҳиби кредит мегарданд.

Дар шароити норасоии об дар минтақаамон ҳар сол 1 миллиард метри мукааб оби сел беҳуда талаф мегардад.

Президент ба имконпазирии ғун кардани обҳои сел дар захирагоҳҳои хурд, дастгирии ногузири ташаббусҳои ин самт ишора кард.

Ба татбиқи лоиҳаҳои марбут 100 миллион доллар ҷалб хоҳад гардид. Заминҳое, ки дар натиҷаи аз ҳисоби обҳои ғунгардида обшор намудан ба кишт дароварда шудаанд, ба ихтиёри соҳибкорон барои холисона истифода намудан ба муҳлати дароз дода мешавад, ки захирагоҳ ба вуҷуд овардаанд.

Ҳоло ҳозир бо технологияи лазер 450 ҳазор гектар ё худ 15 фоизи майдонҳои обшоргардандa ба кор даровардa шудааст. Агар чунин миқдори замин ду баробар зиёд гардад, боз 900 миллион метри мукааб об сарфа гардида, дар 200 ҳазор гектар замини илова таъминоти об беҳтар карда мешавад.

Бинобар ин муайян карда шуд, ки имсол ҳазор дастгоҳи лазер расонда шуда, кластерҳо корбурди хидмати дастгоҳи лазерро барои фермерон ба роҳ меандозанд. Дар солҳои охир дар 400 ҳазор гектар технологияи обшорӣ ва обшории боронӣ татбиқ гаштааст. Имсол кор боз дар 80 ҳазор гектар шурӯъ гаштааст. Бо мақсади минбаъд рағбатнок намудани татбиқи ин технология, бинобар қарор, ки 1 апрели соли ҷорӣ имзо гаштааст, ҳаҷми субсид барои ҳар як гектар майдони ғалладона ва сабзавот, ки дар онҳо низоми сарфакунандаи об татбиқ гаштааст, аз 1 миллион сӯм то 8 миллион сӯм меафзояд. Ставкаи кредити бонк барои фермерон дар дараҷаи 17 фоиз муқаррар шуда буд.

Аҳамияти то кишоварзон расондани ин имконот ва ба онҳо пешниҳод намудани дастгирии молиявӣ таъкид шуд. Вазифа гузошта шуд, ки доир ба ташаккули лоиҳаҳои нави сарфакунандаи об дар назди «Агробонк» ва ҷалби мутахассисони соҳибмалака аз хориҷа маркази алоҳида ташкил карда шавад.

Дар ҷамъомад лоиҳаҳои соҳаи дорусозӣ низ баррасӣ гардиданд.

Дар шаш соли охир дар ин соҳа 177 лоиҳа ба миқдори 527 миллион доллар ба кор андохта шуд. Сармояҳои хориҷӣ 9 маротиба афзуд, 35 корхона дар низоми худ стандарти байналхалқии GMP-ро татбиқ намуд. Дар натиҷа истеҳсолот се маротиба, содирот 5 маротиба афзуд.

Аммо бинобар баъзе мушкилоте, ки бо ҷустуҷӯи бозори фурӯш, сифат ва рақобат алоқаманд аст, ҳаҷми истеҳсолот соли гузашта то андозае коҳиш ёфт, воридот зиёд шуд.

Бинобар ин дар ҷамъомад масъалаҳои таҳияи лоиҳаҳои иловагӣ дар соҳаи дорусозӣ ва дастгирии корхонаҳо муҳокима гардиданд.

Таъкид шуд, ки татбиқи 207 лоиҳа ба миқдори умумии 725 миллион доллар, ки корандозии 68-тои он барои соли ҷорӣ ба нақша гирифта шудааст, дар назар гирифта шудааст.

Роҳбари давлат ногузирии коҳиши бори кредитро ба соҳибкорон таъкид кард. Ба лоиҳаҳо ба сифати сармоягузор бо ҳиссаи иштирокаш то 25 фоиз дохил шудани «Асакабонк» муайян карда шуд. Барои таъмини молиявии лоиҳаҳои локализатсия ва таъмин бо маблағи гардишӣ захираи кредитҳои дарозмуддат ба миқдори 300 миллион доллар ҷалб хоҳанд гардид. Дар назди бонк маркази лоиҳаҳои дорусозӣ кушода мешавад, ки он ба соҳибкорон кумак хоҳад расонд.

Имконоти аз худ намудани тавлиди 400 намуд маҳсулоти нав ва сарпӯш намудани воридот ба миқдори 670 миллион доллар аз ҳисоби дастгирии корхонаҳое, ки ба иқтидори пурра кор намекунанд, таъкид шуд. Барои ин ба корхонаҳо кредитҳои револвер то 1 миллион доллар ба муддати 18 моҳ пешниҳод мегардад, барои содиркунандагон кредит то 2 миллион доллар бо гузоштани гарави фоидаи бима пешниҳод мегардад.

Имконоти дар мамлакатамон истеҳсол намудани доруворӣ ва моддаҳои барои онкология ва онкогематология ногузир дар асоси технологияи хориҷӣ баррасӣ гардид. Вазифаи афзудани миқдори корхонаҳое, ки ба талаботи стандарти GMP ҷавобгӯ мебошад, гузошта шуд.

Супориш дода шуд, ки татбиқи лоиҳаҳо дар ҳудуди кластери дорусозии Тошканд тезонда шавад.

**ЎзА.**

# ИҶЛОСИЯИ ШЎРОИ ДЕПУТАТҲОИ ХАЛҚИ ВИЛОЯТ БАРГУЗОР ГАРДИД

***Иҷлосияи панҷоҳу шашуми Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Фарғона барпо гардид.***

Дар рӯзномаи иҷлосия сатҳи ҳамкории идораҳои корҳои дохилӣ бо дастгоҳи ҳокимияти вилоят ва ҳокимиятҳои маҳаллӣ, идораҳои ҳифзи ҳуқуқ ва тартибот, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаи фаъоли ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳо ҷиҳати мубориза бо ҷинояткорӣ ва пешгирии қонуншиканиҳо мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз рӯи ин масъала гузориши муовини сардори Раёсати корҳои дохилии вилоят Фаррух Ўсаров шунида шуд. Вай дар бораи корҳои анҷомдодаи мақомоти корҳои дохилӣ дар семоҳаи аввали соли 2023 ва чораву тадбирҳои барои то охири соли равон андешидашуда ҳарф зад.

Сардори Раёсати коҳиши камбизоатӣ ва шуғли аҳолӣ Анварҷон Абдуллоев оид ба татбиқи фармони Президент аз 7 марти соли 2022 «Дар бораи чораҳои боз ҳам тезонидани корҳо оид ба рушди низоми дастгирии оила ва занон» гуфт, ки бонувон дар бозори меҳнат нерӯи рақобатпазирро ташкил медиҳанд, зеро барои ба кор таъмин шудан аввал онҳо дар курсҳои кӯтоҳмуддат ба омӯзиш фаро гирифта мешаванд. Ин иқдоми наҷиб мусоидат менамояд, ки ҷиҳати таъмини занону духтарон ба ҷои кор мушкилоте эҷод нагардад.

Доир ба ҳар як масъалаи ба рӯзномаи иҷлосия дохилшуда қарорҳои дахлдор қабул карда шуд.

**Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири "Овози тоҷик".**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Андешаҳо*

# ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ ДАР ОҒӮШИ КОНСТИТУТСИЯИ НАВ!

***Тағйиру иловаҳое, ки дар Конститутсияи Ўзбекистон даровардa шудаанд ва интизор меравад, ки он дар раъйдиҳии 30-юми апрел қабул гардад, вобаста ба талаботи рӯзафзуни ҷомеа ба ҳуқуқи бештар ва авзои мудом тағйирёбандаи ҷаҳон рӯи кор омадааст.***

Бояд дарк кард, ки ҳаёти ҷомеа монои як дарёи кӯҳӣ аст, ки бо шитоб пеш меравад. Ҳамин пешравиҳо тақозо мекунанд, ки қонунҳо дар ҷомеа иваз шаванд ё ҳадди ақал иловаҳою тағйиротеро фаро гиранд, ки минбаъд шароити бавуҷудомадаро ифода кунанд. Ногуфта намонад, ки солҳо пайи ҳам гузашта, дар ҳар давлат ҳукуматҳо низ ногузир иваз мешаванд, сиёсати иқтисодиву иҷтимоии дохилаву хориҷаи он тағйир меёбад ва дар ин замина чаҳорчӯби қонунҳои мавҷуда, ки қаблан дар истифода буданд, танг омадаву дигар наметавонад самтҳои дигаргуниҳоро ифода кунад. Муносибатҳои байналмилалӣ, бархӯрдҳои фикрӣ аз минбарҳои баланд низ тақозо мекунанд, ки давлат аз роҳи ба ҳама хушоянд, ба мисоли мардумсолорӣ қадам бардорад ва ин тавр ба эҳтироми миллату ҳукуматҳои мутамаддини ҷаҳон ноил гардад. Соҳибият ба чунин эҳтиром ва эътимод роҳи ҳар кишварро барои рушд ҳамвортар месозад.

Ўзбекистон аз рӯзи нахустини ба даст овардани истиқлол эълом дошта буд, ки давлати демокративу ҳуқуқбунёд ба ҳисоб меравад ва барои сохтани чунин як ҷомеа азму талош хоҳад варзид. Ғолибан ин нукта дар Конститутсияи кишвар, ки соли 1991 қабул гардидаст, дарҷ ёфтааст. Ҳарчанд ин меъёр дар фаъолияти ҳукумати пешин мавриди истифода қарор мегирифт, аммо имрӯз эҳсос мегардад, ки ҷамъият барои расидан ба орзуҳои худ ба ҳуқуқи бештаре ниёзманд аст. Бо интихоб гардидани Президенти нави кишвар Шавкат Мирзиёев Ўзбекистон дар сиёсати дохиливу хориҷии худ тағйироти куллӣ ворид сохт, ки аз ҷониби давлатҳои пешқадами дунё хуб пазирой шуд. Қаблан масъалаҳои эътибор ба дину диёнат чун воситаи тарбия, озодии сухан, муносибатҳои ҳасана бо кишварҳои ҳамҷавор аз мадди назарҳо дур мемонданд ва боиси нигарониҳо мешуданд.Ҷомеа дер гоҳ мунтазир буд, ки дар ин самт дигаргуниҳои куллие ба вуҷуд оянд ва махсусан, равобити ҳамҷаворӣ чун дар қадим барқарор ва сифатан беҳбуд ёбанд.

Билохира, ҳукумат тағйир ёфт ва акнун ормонҳои халқ дар амал татбиқ мегарданд. Ба аҳли тақво шоҳроҳи васеъ кушода шуд, дар ҳар шаҳру ноҳияҳо ба шумори масоҷиди ҷомеъ афзуда, ба таълими китоби худованд – Қуръони Карим шароити мусоид фароҳам омад, аз нерӯи дини мубини ислом ба сифати тарбият истифода бурдан махсус таъкид гардид, обрӯ ва эҳтироми омӯзгорон ва соҳибони касбу корҳои дигар боло бурда шуд, ба сифати таълим эътибор афзуд, бо ҷойи кори доимӣ таъмин намудани қишри бекори аҳолӣ ба дурнамои кори ҳукумат мубаддал гашт, баланд бардоштани қадри инсон яке аз вазоифи муҳим қарор ёфт, озодии сухан ва тафаккур майлони нав пайдо кард, ҷавонон чун нерӯи такондиҳандаи ҷомеа эътироф ва барои ояндаи дурахшони онҳо шароити мусоиде фароҳам оварда шуд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ ДАР ОҒЎШИ КОНСТИТУТСИЯИ НАВ!

(Аввалаш дар саҳ.1).

Қобили тазаккур аст, ҳукумати ҷумҳурӣ барои сохтани Ўзбекистони Нав, ки дар он пеш аз ҳама ба қадри инсон бештар таваҷҷуҳ зоҳир мешавад, маҳкам камар бастааст. Дар ин росто тарҳҳои зиёде роҳандозӣ мегарданд, ки моҳиятан ба шарафмандии инсон вобастаанд. Унвони чандин соле, ки пайиҳам эълом шуданд, мантиқан ба қадри инсон мутааллиқ буданд. Хоса, соли 2023 чун нуқтаи финалии он «Соли қадри инсон ва таълими босифат» ном гирифта, ҳамакнун ҳар чорабиние, ки барномарезӣ мешавад ва ҳар як қарору фармоне, ки аз ҷониби раҳбари давлат ба имзо мерасад, барои шукуфоии ҷомеаи мо нигаронида шудаанд. Ғолибан дар мадори ҷомеаи шукуфону пешрафта Инсон ва қадри он чун ситораи ҳамеша фурўзон қарор мегирад.

Бояд таъкид кард, ки маншаи тағйиру иловаҳо ба Сарқонуни ҷумҳурӣ ҳам баланд бардоштани қадри инсон ва васеъ кардани ҳуқуқу озодиҳои он мебошад. Дар таҳрири нави банди якуми Конститутсия барҳақ таъкид шудааст, ки «Ўзбекистон кишвари озод, демократӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва дунявӣ» (моддаҳои 1-18) мебошад. Инчунин махсус ишора шудааст, ки Конститутсия (дар таҳрири нав) ба неруи олии ҳуқуқӣ (юридикӣ) соҳиб аст (моддаи 15), роҳи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Ўзбекистон таҳти принсипи арҷ гузоштан ба «якпорчагии ҳудудии давлатҳо» (моддаи 17) муайян шудааст. Дар банди дуюми Сарқонуни нав (моддаҳои 19-64) ҳуқуқи инсон ва таъмини озодиҳои он чун мақсади олии давлат қарор гирифтааст (моддаи 54). Шаъни инсон ва дахлнопазирии қадру қимати он, асос нашудани ҳеҷ чиз барои паст задану кам гирифтани инсон (моддаи 26) махсус ишора гардидааст.

Сарқонуни нав озодиҳо ва ҳуқуқҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Ўзбекистонро назар ба пеш боло бурда ва таъмини онро кафолат медиҳад. Вобаста ба меъёрҳои нав ва талаботи Конститутсияи ҷадид дар сохтори идоракунии давлатӣ, прокуратураю судҳо ва дигар идораҳои қудративу интизомӣ тағйиротҳои чашмрас ба амал хоҳанд омад, ки ифодагари принсипҳои як ҷомеаи демократӣ ва мардумсолорӣ мебошанд. Бояд гуфт, ки дар таҳрири нави Конститутсия ҳуқуқҳои воситаҳои ахбори оммавӣ ва фаъолияти институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ кафолати бештаре ёфта, аз ин баъд мувофиқи қонун ягон нафаре ҳуқуқ надорад, ки озодии онҳоро маҳдуд созад ва садди роҳи ҷустани ахбор, гирифтан, истифода ва парокании он гардад. Ҳар касе, ки ба фаъолияти ВАО муқобилат ва дахолат мекунад, боиси ҷавобгарӣ хоҳад гашт (моддаҳои 81-82).

Яке аз паҳлўҳои ҷолиби диққати лоиҳаи нави Сарқонун ишораи давлати иҷтимоӣ будани Ўзбекистон аст. Ин нукта ба он мусоидат мекунад, ки минбаъд дар кишвар масоили иҷтимоӣ, хоса беҳбуд бахшидани зиндагии мардум, батамом бартараф кардани камбизоатӣ ва фақри маънавию иқтисодӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳукумат гардад. Дар давлате, ки иқтисодиёт пешқадам аст, ҳама гуна мушкилот, махсусан муаммоҳои иҷтимоии ба мисоли беҳдошти сиҳатии мардум, зисти аз ҳар ҷиҳат шоистаи ба ҷомеаи мутамаддин хос зуд ва хуб ҳал мешаванд. Барои расидан ба ин орзуҳо Сарқонуни мо бояд ҷавобгўи ҳаёт ва талаби давр бошад. Ин ақида дар назди мутахассисони варзида, ки ҳукумат онҳоро такягоҳи пешрафти худ медонад, ҳалли мушкилотеро гузошта буд, ки ба тағйиру иловаҳои ҳаётан муҳим дар Конститутсияи ҷумҳурӣ вобаста аст ва ин кор бо машварат анҷом ёфта, лоиҳаи таҳрири нави Сарқонун тўли як сол мавриди муҳокимаи ҳизбҳои сиёсӣ, гурўҳҳои муайяни қишри аҳолӣ, ҷамоаҳои меҳнативу муассисаҳои давлативу ғайридавлатӣ қарор гирифт. Инак, Сарқонун дар матни комилан таҳрирёфта ва бо 27 моддаи иловагии нав ба фарқ аз Конститутсияи пешин, ки 128 моддаро фаро мегирифт, ба 155 модда расид. Дар 91 моддаи Сарқонун тағйироти консептуалӣ ворид карда шуд, ки ҳар кадом аз афзоиши ҳуқуқи шаҳрвандон далолат медиҳад.

Пас, бо итминони комил метавон гуфт, ки Конститутсияи ҳар давлат ситораи қутбнамои мардуми он аст. Тамоми қонунҳои дигар аз он маншаъ гирифта, рушди ҷамъияти инсонӣ ба мазмун ва моҳияти ғании он вобаста аст. Сарқонуни ҷумҳурии мо дар таҳрири нав ва иловаҳои комилан нав минбаъди дурахшони ҷомеаи моро ифода намуда, даҳсолаҳои дигар ҳар як шаҳрванди кишвар, қавму миллатҳои маскуни онро бо озодиҳои барои инсон чун обу ҳаво зарур таъмин хоҳад намуд.

Раъй додан ба ҷонибдории қабул гардидани чунин Сарқонун, ки ба талаботи имрўзи ҷомеа мувофиқ гардонида шудааст, аз садоқати бепоёни ҳар нафар сокини ҷумҳурӣ ба Ватани азиз – Ўзбекистони Нав далолат медиҳад!

**Шариф ХАЛИЛ,**
**рўзноманигор.**



*Дар шаҳраки Намангони Нави ноҳияи Давлатободи вилояти Наманган корҳои сохтмон авҷ доранд.*

*Дар 33 бинои истиқоматии шаҳрак барои бунёди 2 муассисаи таълими олӣ платформаи тиҷоратии www.e-auksion.uz амал мекунад, ки бинобар натиҷаи савдо то ҳол корҳо бобати сохтмони 24 иншооти истиқоматӣ ва бунёди муассисаҳои таълими олӣ оғоз ёфтаанд.*

*Дар шаҳраки Намангони Нав ҳамчунин кор бинобар сохтмони роҳи автомобилии 3,2 километра идома дорад. То имрўз корҳои тайёркунии масоҳати сохтмон, гузоштани лотокҳои ду бари роҳ анҷом ёфтанд.*

***Дар сурат:** дар шаҳраки Намангони Нави ноҳияи Давлатободи вилояти Наманган корҳои сохтмон бо суръат идома доранд.*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

# КОНСТИТУТСИЯИ НАВ — ПЕШРАФТИ НАВ

***Дар мактаби мо зери шиори «Конститутсия аз они ман, аз они ту, аз они мо!» анҷумани бошукўҳи фарҳангӣ — тарғиботӣ баргузор гардид. Муаллими фанни таърих Севара Неъматова, вакили таълими халқии шаҳри Самарқанд Шаҳло Муҳаммадиева, вакили ҳокимияти вилоят А.Қиличев ва дигарон баромад карда, дар бораи мазмуну мундариҷа ва моҳияти лоиҳаи Сарқонуни нав сухан ронданд.***

Нотиқон таъкид намуданд, ки дар Конститутсияи нав як қатор меъёрҳое сабт гардидаанд, ки ба ҷорӣ намудани идоракунии самарабахш, зудамал ва халқии давлат, мустаҳкам намудани парлумон, вусъат додани ҳуқуқ барои ҷавонони умедбахши илмомўз, устодону мураббиён имкониятҳои фаровон дода шудааст.

Таҷассуми амалии ин меъёрҳо дар ҳаёти ҳамарўзаи мо аз фаъолнокӣ дар райъпурсӣ, ки 30 апрели соли равон баргузор мешавад, вобаста аст.

Аллакай рўйхати 2 ҳазору 900 нафар шахсонро таҳия кардаем. Харитаи минтақаҳои райъпурсиро муайян намудаем, шахсони вобаста корҳои тарғиботӣ мебаранд.

Барои мо, ходимони таълими халқ боиси хушнудист, ки сарвари давлатамон мўҳтарам Шавкат Мирзиёев ба масъалаҳои муҳими таълиму тарбия диққати махсус медиҳанд.

**Собиҳа РАҶАБОВА,**
**сарвари мактаби миёнаи рақами 21-уми шаҳри Самарқанд, Аълочии таълими халқи ҷумҳурӣ.**

# ЗИНДАГИИ АРЗАНДА

***Инсоният ҳамеша аз пайи рўзҳои нек шуда, кўшиш мекунад, ки дар оилаи шоиста умр ба сар барад. Аз хонаводаи Илҳом Инъомов, ки дар маҳаллаи «Қаҳрамон»-и ноҳияи Оққўрғон зиндагӣ мекунад, бисёриҳо бо эҳтиром ва таваҷҷуҳи хоса ёдовар мешаванд. Зеро волидони оила Инъом Расулов ва апаи Ҷамила ба фарзандонашон Раҳмонқул, Замирахон, Илҳом, Ўктам, Собирҷон, Абдухалил, Ҳалима ва Гулҷаҳон тамоми дарси меҳру муҳаббат ва зиндагиро дода ба камол расониданд, ки хидматрасони халқу ватан бошанд.***

Қаҳрамони мо Илҳом Иномов касби механизаториро интихоб намуд. Ў мисли падараш баробари илми пахтакорӣ асрори парвариши байни қаторҳои пахтаро азхуд карда, дар хоҷагӣ саҳми муносиб гузошт. Ташкили дурусти кор, риояи қоидаҳои агротехникии парвариш ва сари вақт сафарбаркунии қувваҳо гарави муваффақиятҳо гардид. Ҳосилнокии пахта дар панҷсолаи аввал аз 22 ба 32 сентнер расид. Ин ҷидду ҷаҳди Илҳомҷон беҳуда нарафт. Меҳнаташ қадр ёфт. Ў бо ордени «Меҳнат шуҳрати» мукофотонида шуд ва сардори бригадаи пахтакорӣ таъин гардид.

Ў ба устодаш, қаҳрамони меҳнат – Таласбой Ғазатов шогирд шуд. Таҷрибаи И. Иномов дере нагузашта байни пешқадамони ноҳия ба забон гирифта шуд.

Вақте ки пиронсолони деҳа ўро медиданд, Аллоҳ нигаҳбонат бод, – гўён даст ба дуои хайр мекушоданд.

Бори дигар боварӣ ҳосил кардам, ки дар муваффақияти мард хидмати ҳамсараш ниҳоят муҳим аст. Гулнорахон аз чунин қабил бонувонест, ки бори гарони зиндагиро бо сабру тоқат паси сар кардааст. Якҷоя бо ҳамсараш фарзандонашон Тоҳир, Аброр, Аҳрор, Акмал ва Умедро ба воя расонданд, ки ҳоло дар маҳалла яке аз оилаҳои намунаи ибратанд.

Илҳом Иномов ба синни нафақа расида бошад ҳам, дар хоҷагии фермерии «Ҷамила Расулова» ҳамчун устоди омўзгор фаъолият мебарад. Бо саъю кўшиши оила дар 10 гектар замини бекорхобида боғ бунёд карда шуд, ки дар фаровонии дасторхони мардум саҳми муносиб мегузоранд.

— Комёбиҳои ин оила дар китобдўстии онҳост, – афзуд ҳангоми суҳбат сокини маҳалла Карimбердӣ Таласбоев. – Ба гуфтаашон падаркалони оила низ дўстдори китоб буданд. Оила «қоидаи тиллоӣ»-и худро дорад, ки аз сарвари оила сар карда, ҳама ба қоидаи «Ганҷ нагир, китоб гир!» риоя мекунанд.

Дар ҳар хона рафи китоб мавҷуд буда, китобҳои кўҳнаю нави таърихию бадеӣ гузошта шудаанд. Пиру хурди оила, ки аз китоб гули одоб мечинанд, ҳамчун фарзанди арзандаи ватани саодатманд умр ба сар мебаранд. Зиндагии арзанда доранд.

**Пардабой ЭРГАШЕВ,**
*ноҳияи ОҚҚЎРҒОН.*

## ХАБАРҲО

### ҲАМКОРӢ БО ИТТИҲОДИ АВРУПО

***Тавре хидмати матбуоти Вазорати корҳои хориҷӣ хабар медиҳад, музокироти роҳбари ВКХ Бахтиёр Саидов ва вакилони махсуси Иттиҳоди Аврупо Терхи Хакала ва Имон Гилмор рўйи кор омад.***

Дар рафти мулоқот ҷиҳатҳои долузарб вобаста ба муносибатҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ, маданӣ-гуманитарӣ ва дигар соҳаҳо байни Ўзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо мавриди муҳокима қарор дода шуданд. Баробари ҳамин бинобар таъмини ривоҷи ҷамъияти шаҳрвандӣ, ҳуқуқи инсон, баробарии гендерӣ ва озодии сухан ва дигар масъалаҳои мубрам ба роҳ гузоштани ҳамкориҳо мубодилаи афкор ба амал омад. Қайд карда шуд, ки зудтар ба имзо расонда шудани шартнома оиди шарикӣ ва ҳамкории амиқ байни Ўзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо басо муҳим мебошад.

### ҚАБУЛИ АРИЗА САР ШУД

***Дар асоси қарори Девони Вазирон аз 2 феврали соли 2022 «Дар бораи чораҳои ҷорӣ сохтани стандартҳои кушодӣ дар роҳҳои автомобилӣ ва пурзўрсозии назорати ҷамоатӣ дар соҳа» бо мақсади дар харҷи маблағи буҷавӣ таъминсозии иштироки шаҳрвандон ва беҳсозии сифати роҳҳои дохилӣ дар мамлакат аз соли 2022 инҷониб панҷоҳ фоизи маблағи ба ин соҳа ҷудошуда тавассути портали иттилоотии Open budqet бо баҳисобгирии фикри ҷамоат ҷиҳати аниқсозии роҳҳои ба таъмир муҳтоҷ ин сохтор соле як маротиба татбиқ мегардад.***

Аз 17 апрели соли равон зимни портали иттилоотие, ки зикр гашт, барои мавсими соли 2023-юми лоиҳаи «Роҳи ман» қабули аризаҳо сар шуд. Барои мавсими имсолаи лоиҳа ҷудосозии бештар аз 312 миллиард сўм маблағ муайян гардид. Ҷараёни воридсозии таклифҳо дар доираи лоиҳа то 27 апрели соли ҷорӣ давом мекунад. Ҷараёни овоздиҳӣ барои таклифҳои пешниҳодшуда бошад, аз 28 апрел то 7 май идома хоҳад кард.

### «САЙРҲОИ САЛОМАТӢ» — ДАР СЎХ

***Дар доираи аксияи моҳонаи «Сайрҳои саломатӣ», ки бо ташаббуси Вазорати тандурустӣ ташкил карда шудааст, дар як қатор ноҳияҳои вилояти Фарғона аз назорати амиқкардашудаи тиббӣ гузаронидани аҳолӣ давом мекунад.***

Аз ҷумла, аз назорати амиқи тиббӣ гузаронидани сокинони Сўх дар маркази маданияти ноҳия рўйи кор омад ва муташаккилона гузашт. Мутахассисони пешбару соҳибтаҷриба, ки дар миқёси вилоят ва ҷумҳурӣ фаъолият мебаранд, дар чорабинии муҳим иштирок намуданд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



*Пешбинӣ шудааст, ки имсол дар ноҳияи Ёзёвони вилояти Фарғона дар 4 ҳазору 900 гектар майдон пунбадона кошта мешавад. Фермерони ёзёвонӣ аз ҳоли ҳозир барои рўёндани 18500 тонна ашёи хом омодагӣ мегиранд.*

*Фермерҳо аз 13-уми март корро оғоз карда буданд. Бино ба маълумотҳои дастрасшуда, то имрўз дар 98 фоизи майдонҳо пунбадона кошта шудааст. Дар қаторҳои аввали майдони хоҷагӣ ниҳолҳои пахта, аллакай, неш задаанд.*

***Дар акс:** дар майдони пахта.*

***Аксбардор: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# ҚУВВАОЗМОИҲО ПОЁН ЁФТ

***Дар рўзгор рух додани ҳар гуна воқеаҳои нохуш ё офати табиӣ аз эҳтимол дур нест. Дар ҳолатҳои мураккаби ғайричашмдошт: аз зери вайрона, ё зери обу байни оташ ва ғайра раҳонидани инсон вазифаи аввалиндараҷаи кормандони соҳаи вазъиятҳои фавқулода ба шумор меравад. Аз ин рў, тайёрии ҳаматарафаи касбӣ, созмон додани мусобиқаҳои гуногуне, ки ба такмили маҳорати онҳо кумак мерасонад, хеле муҳим аст.***

Ҳар сол дар низоми Вазорати вазъиятҳои фавқулода ба амал омадани қувваозмоиҳо оид ба варзиши наҷотдиҳӣ аз сўхтор бо ҳамин мақсад сурат мегирад. 12-15 апрели соли ҷорӣ ин тадбир дар вилояти Бухоро баргузор гардид. Дар он ҷамоаҳои ҷумҳурӣ аз рўйи намудҳои «ба 100 метр аз болои монеаҳо ҷаҳида давидан», «бо нардбони ишғолкунӣ ба қабати чоруми манораи таълимӣ баромадан», «эстафетаи ба 4х100 метр давидан», «паҳншавии ҷанговарона» ва «кроссфит» бо ҳам қувваозмоӣ намуданд. Баъди ҷамъбасти мусобиқа ҷойи якум ба садорати вазъиятҳои фавқулодаи вилояти Бухоро, ҷойи дуюм ба садорати вазъиятҳои фавқулодаи вилояти Тошканд ва ҷойи сеюм ба садорати вазъиятҳои фавқулодаи вилояти Қашқадарё насиб кард.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# АЗ «ҲАФТАИ КИТОБХОНӢ» ТААССУРОТ КАЛОН АСТ

***Дар ҳоле ки мардуми ҷумҳурӣ ба давраи Эҳёи савум ворид гардида, баҳри бунёд кардану пойдор мондани Ўзбекистони Нав камари ҳиммат бастааст, ба баланд бардоштани сатҳи маънавии одамон, инкишофи фарҳангу адабиёти миллӣ эътибори ҷудогона дода мешавад. Бо мақсади амалӣ гардонидани чунин ҳадафҳои нек чорабиниҳои фарҳангӣ, ҳафтаҳои китобхонӣ баргузор меёбанд.***

«Ҳафтаи китобхонӣ» ин дафъа «Миллати китобхон» унвон гирифт. Як гурўҳ меҳмонон, ки аз вилояти Суғди Тоҷикистон ташриф оварданд, дар чорабиниҳои идонаи китобхонӣ ширкат варзиданд. Миёни онҳо раиси Маркази маънавият ва маърифати ўзбекони вилояти Суғд, барандаи ордени «Дўстӣ» Илҳом Юсуфов, сармуҳаррири маҷаллаи «Шарқнома» Ҳакимҷон Зокиров, шоирон Раҳимбердӣ Бердиев, Ёқуб Очил ҳузур доштанд. Бо иштироки меҳмонон ва раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилояти Ҷиззах Абдукарим Шарифов, сармуҳаррири маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» Асадулло Исмоилзода дар мактаби таҳсилаш ба забони тоҷикии рақами шашуми ноҳияи Янгиобод, воқеъ дар деҳаи Чаканд вохўрӣ ба амал омад. Дар аснои вохўрӣ тақдимоти китоби «Меҳрнома» ва маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» баргузор гардид. Меҳмонон аз бартарии фарҳангу адабиёт ва маънавияту маърифат дар ҳаёти ҷомеа, неъмати бузурги дўстӣ, хоса дўстиву бародарии ду халқ ҳарф заданд. Аз ҷониби Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикон ба хазинаи китобхонаи мактаб якчанд номгўй китобҳои бадеӣ ва рўзномаву маҷаллаҳо туҳфа карда шуд. Дар навбати худ масъулони ҳокимият ва шуъбаи маорифи ноҳия ба меҳмонон туҳфаву ташаккурномаҳо доданд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# МАРДУМ ВА ҶАМЪИЯТ — ТАШАББУСКОРИ ИСЛОҲОТ ВА ДИГАРГУНИҲО

***Ҳоло дар сартосари мамлакатамон корҳои ташвиқотию таблиғотии таҳрири нави Конститутсияи ҷумҳурӣ идома дорад. Дар ноҳияи Чуст бо ҳамин мақсад таҳти мавзўи «Бо Конститутсияи халқӣ ба сўйи давлати халқӣ» чорабинии маърифатӣ баргузор гардид.***

Дар чорабинии таблиғотӣ роҳбари Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ Минҳоҷиддин Мирзо, сиёсатшинос Ҷамила Шермуҳамедова ва дигарон дар баромади худ оиди мазмуну моҳияти таҳрири нави Қонуни Асосӣ сухан ронда, ҷиҳатҳои манфиатноки онро таъкид намуданд.

— Ба ислоҳот ва тағйироти ҷамъиятӣ мо, шумо ва ҳама масъулем. Ба ин масъала беэътиноӣ нанамуда, ҳар яки мо бояд ташаббускор ва фаъолнокӣ нишон диҳем. Конститутсия аз они ҳамаи мост. Пойдевори ояндаамонро худамон бояд барпо намоем. Умедворам, ки бахусус, дар чунин ҷараёни сиёсӣ ҷавонон фаъол иштирок менамоянд, — гуфт актёри ҷавон Р. Қодирхонов.

Ба саволҳои иштироккунандагон ҷавобҳои қаноатбахш дода шуд.

Суруду рақсҳои ҷаззоби санъаткорон ба иштироккунандагон кайфияти хуш бахшид.

Меҳмонон қадамҷоҳои муқаддас, аз ҷумла, қабри Чустиро зиёрат карданд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

Дониш талаб

# «ҲЕҶ МИЛЛАТЕ ТАРАҚҚӢ НАХОҲАД КАРД...»

Имрӯз ислоҳи соҳаи таълим аз муҳимтарин масъалаҳои давр ба шумор меравад. Дар оғози садаи бист низ маорифпарварони тоҷик ба ин масъала зиёд таваҷҷуҳ намудаанд.

Бо талошу ҷадали соҳибназарони замон – адибони равшангар, пеш аз ҳама, илму дониш, фарҳангу ҳунар, публитсистика ва анвои он, шеъру тафаккури тоҷикии ҳавзаи Мовароуннаҳр маҳз дар ҳамин аҳд давраи такомул ва таҳаввули худро аз сар гузаронид. Бахусус тарғибу ташвиқи илму дониш чун унсури асосии ҳаёт дар сафҳаҳои матбуоти тоҷикӣ бештар мушоҳида мегардид. Бозгӯи ҷойгоҳи илм дар омӯзаҳои Мирзо Ҷалол бо решаҳои исломии фаҳмиши илму дониш тавъам буда, дар ин роҳ ба андешаҳои қуръонӣ такя шудааст:

«Агар касе аз аввал то ба охир Қуръони шарифро мулоҳиза намояд, возеҳ ва ошкор мебинад, ки он таклифе болотар аз илмро барои инсон нафармудааст».

Мирзо Ҷалол, ки дар бисёр рӯзномаҳои зодгоҳаш фаъолият дошт, дарду алами ҷомеаро дар Бухоро ба зудӣ пай бурда, дар аксари навиштаҳояш мардумро даъват менамуд, то рӯ ба илму дониш оранду дар ҷомеа ислоҳот гузаронанд. Вай дар робита ба вазъи нобасомони ҷомеа ва ҳолати риққатовари он бо таассуф мегӯяд: «Ҳоло исми мо аз дафтари доноӣ маҳв ва расми мо аз сафҳаи ирфонӣ фонӣ гашта, пас ҳоло чӣ бояд кард?»

Мирзо Ҷалол омилҳои зуҳури ин падидаҳои номатлубро ҷӯё мешавад ва бо ин ба аҳли ҷомеа ҳушдор медиҳад, ки ҳарчӣ зудтар ҷомеаро аз беилмӣ раҳоӣ бояд бахшид. Ба назари ӯ танҳо пас аз талаби илм кас дарк менамояд, ки он чист ва чӣ нафъе ба инсон дорад.

Аз ҷумла, бо таассуф ёд менамояд, ки «замоне рушди улум дар Осиё буда, балки вақте ки дар Осиё илм ва маданият дар ҳоли рушд қарор дошт, дар сойири актори ҷаҳон хабаре аз инсоният набуд. Пас, имрӯз Осиёро чӣ шуда», –мегӯяд Мирзо Ҷалол.

Ислоҳи вазъи таълиму тадрис низ ба сифати яке аз омилҳои муҳими пешрафт ва рушди ҷомеа дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ҷойгоҳи хосе дорад. Бо назардошти ҷойгоҳи илму дониш дар рушду пешрафти кишвар Мирзо Ҷалол дар аксари матолиби хеш онро пайваста ташвиқ менамояд. Ҷолиб он аст, ки баҳри тақвияти андешаҳои хеш ба китоби муқаддаси Қуръон муроҷиат намуда, аз он ҳамчун далел истифода мебарад.

Яке аз чеҳраҳои дигари маъруфи наҳзати маорифпарварӣ Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ аст, ки бо навиштаҳои арзишманди хеш ба вусъат ва густариши афкору ҷаҳонбинии мардум мусоидат мекард. Ӯ чун равшангари давр хуб мушоҳида намуда буд, ки сарчашмаи ҳама пешрафту тараққиёт дар соҳаҳои мухталиф мактаб аст. Ба ин хотир Беҳбудӣ дар бештари навиштаҳояш усули ҷадидро тарғиб намуда, ислоҳи ҳарчи зудтари макотиби ҷомеаро тақозо намудааст.

Ба андешаи Беҳбудӣ, ислоҳи ҷомеа, пеш аз ҳама аз мактаб оғоз меёбад, зеро мактаб роҳи фардоро равшан мекунад. Ӯ ҳаёти миллатро ба мактаб вобаста дониста, мегӯяд: «Мактабу мадрасаи кадом миллат, ки обод аст, он миллат худро мудофиа мекунад. Мактабу мадрасаи кадом миллат, хароб ё (дар) таназзул аст, он миллат маҳкуми таданнӣ ва забун аст. Ривоҷи дини миллат, тараққии илму диёнат, пешрафти фазлу ҳунар, салоҳи ахлоқу одоб, хубии майишат ва зиндагонии ҳар тоифа мактабу маориф аст». («Мулоҳиза», «Ойина», №2)

Беҳбудӣ чун мубаллиғи мактабҳои усули ҷадид омӯзиши илми таъриху ҷуғрофияро ба насли наврас ва аҳли ҷомеа шарт ва зарур медонад. Бинобар ин асареро ба номи «Китоби мунтахаби ҷуғрофияи умумӣ» таълиф намуд. Баъдтар бо назардошти зарурати ин фанни замонавӣ Беҳбудӣ асари дигаре зери унвони «Ҷуғрофиё чист?» навишта, моҳият ва зарурати ин фанро возеҳу равшан баён менамояд.

Равшангари дигар – Муфтизода дар навиштаи худ «Илм ва ирфон» дар мавриди ҷойгоҳи илм ва ирфон андешаҳои арзишманде баён кардааст. Муаллиф амалҳои бузурги гузаштагонро ёдовар шуда, омили осоишро ба илм вобаста медонад:

«Тараққӣ ва пешрафт намудани ҳар қавм дар дунё ба рафоҳият ва осудагӣ зистани ҳар миллат фақат вобаста ба илм аст. Ба акс адами он муҷиби инқирозу зиллати ҳамон қавму миллат аст. Илм ва ирфон чизест, ки Пайғамбари олигуҳари мо таҳсили ӯро ба ҷамъи нуфуси башар амру фарз намудаанд.

Роҷеъ ба ҷойгоҳи илму дониш нигоштаҳои арзишманди ӯ дар матбуоти даврӣ зиёд нашр гардидаанд, аз ҷумла дар маҷаллаи «Оина» (1913). Чунончӣ, вай менависад:

«Ҳеҷ миллате тараққӣ нахоҳад кард, магар бо ислоҳи макотибу мадорис. Макотибу мадорис ҳам ислоҳ нахоҳад шуд, магар бо мувофиқи замони ҳозира»...

Дар маҷмӯъ, метавон чунин хулоса намуд, ки матбуоти тоҷикии оғози садаи бист чун василаи ҷавлонгоҳи афкор, пеш аз ҳама, барои тарғиби афкору омӯзаҳои маорифпарварони тоҷик хидмати арзанда анҷом додааст.

**А.ШЕХОВ,**
**дотсенти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.**

Рӯз то рӯз дар кишвари мо шаъну шараф ва манфиати шаҳрвандон боло бардошта мешавад, ки ин самти асосии тараққиёти давлат ба шумор меравад. Принсипи мазкур дар асоси ислоҳоти амиқ ва пайваста, ки дар ҳамаи соҳаҳо амалӣ карда мешаванд, ба таъмини ҳаёти озод ва фаровони аҳолӣ нигаронида шудааст.

# ҲАР ЯК ШАҲРВАНД ҒАМХОРИИ ДАВЛАТРО ЭҲСОС МЕКУНАД

Дар натиҷа, шаш соли охир рушди соҳаи тандурустӣ, хидматрасонии босифати тиббӣ, мустаҳкам намудани саломатии репродуктивии аҳолӣ, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ташаккули насли солим яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат муайян шуданд.

Президент Шавкат Мирзиёев дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаи тандурустӣ таъкид кард, ки замона тағйир ва маданияти тиббии халқи мо инкишоф меёбад, одамон мехоҳанд бо усулҳои нав муолиҷа гиранд.

Тағйироте, ки тахти сарварии Президент дар соҳаи тандурустӣ ба амал омад, ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва мустаҳкам намудани боварии он ба оянда хидмат мекунад. Фикр мекунам, моддаи 40, ки бо бандҳои муҳими Конститутсияи навшудаи кишвар пурра гардидааст, ин ислоҳотро инъикос мекунад.

Ин модда, ки пештар танҳо аз ибораи «Ҳар як шахс ҳуқуқ дорад аз хидмати тиббии боихтисос истифода барад» иборат буд, ҳоло хеле васеъ гардидааст. Хусусан, он бо бандҳои ҳифзи тандурустӣ, гирифтани ёрии тиббии бепули бокафолат, ҳуқуқи гирифтани ёрии таъҷилӣ ва ёрии тиббии фаврӣ пурра карда шудааст. «Давлат барои рушди сохторҳои давлатӣ, хусусӣ ва дигар сохторҳои тандурустӣ, таъмини некӯаҳволии санитарию эпидемиологӣ, фароҳам овардани шароит барои рушди шаклҳои гуногуни суғуртаи тиббӣ чораҳои зарурӣ меандешад. Давлат барои ҳифз ва барқарорсозии системаи экологӣ, рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақаи назди Арал чораҳои зарурӣ қабул мекунад» – омадааст дар моддаи Сарқонуни таҳриршуда.

Боварӣ дорам, ки тағйирот ба Конститутсия сохтори ҳифзи тандурустиро рушд мебахшад, ба такмил ёфтани фаъолияти ҷарроҳон ёрӣ медиҳад ва аз ҳама муҳим – ҳар як шаҳрванд ғамхории давлатро нисбат ба худ эҳсос мекунад.

**Баҳодур НЕЪМАТҶОНОВ,**
**доктори илмҳои тиб, мудири кафедраи акушерӣ ва гинекологияи Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд.**



*Дар Самарқанд намоишгоҳи байналхалқии XXIII «Таълим ва касб – 2023» баргузор шуд.*

*Дар намоишгоҳе, ки ҳокимияти вилояти Самарқанд бо дастгирии идораи агентии кор бо ҷавонони вилоят, раёсати томактабию мактабӣ ва ҶММ «MY FAIR» созмон додааст, беш аз сӣ муассисаи таълими олии хориҷӣ ва ватанӣ ширкат ҷустанд.*

*Намояндагони муассисаҳои таълими олии Русия, Белорусия, Қазоқистон, Литва, Туркия, ИМА ва Кипр ба хатмкунандагони мактабҳо, донишҷӯёни муассисаҳои таълими олии мамлакат доир ба талабу тартиби таълим, барномаҳои таълимӣ имконияту имтиёзҳо дар муассисаҳои таълими олии хориҷӣ маълумоти муфассал доданд.*

*Дар намоишгоҳи байналхалқӣ ҳамчунин намояндагони муассисаҳои таълими олии ватанӣ ва шуъбаҳои хориҷии онҳо ширкат ҷустанд.*

***Дар акс:** дар намоишгоҳи байналхалқии XXIII «Таълим ва касб – 2023».*

***Аксбардор: А. ИСРОИЛОВ (ЎзА).***

Туҳфаи Рамазон

# МАЪРУФТАРИН ПИРИ ОЛАМИ ИСЛОМ

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта).**

### ЗИНДАГИНОМА

Муҳаққиқи амрикоӣ Девин Уис дар ин маврид аз Қазонхон ба сифати нахустин ҳукмдори муғуле ёд кардааст, ки ба тасаввуф таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Муҳаққиқи эронӣ Абдулҳусайни Зарринкӯб тахмин мекунад, ки Баҳоуддини Нақшбанд шояд дар саройи ин ҳукмдор як муддат ба сифати муҳтасиб ё қозӣ адои вазифа кардааст. Ҳолати дигаре, ки ҳокими Мовароуннаҳр Қазонхон будани шахсеро, ки дар манбаъҳои ирфонӣ аз ӯ бо номи Халил Ота ё Халил Султон ёд мешавад, бино ба маълумоти манбаъҳои дигар, баъди барҳам хӯрдани ҳокимияти Халил Султон, дили Баҳоуддин аз корҳои ин дунё сард шуда, ба Бухоро бармегардад ва дар деҳаи Ревартун зиндагӣ мекунад. Муаллифи «Анис-ут-толибин» бар он аст, ки аз ғойиб садо омадан, аз ҳою ҳаваси ин дунё даст кашидани Баҳоуддин, ҳаёти сӯфиёнаро пазируфтани ӯ дар ҳамин давр рух додааст ва дар хоб бо рӯҳи силсилаи хоҷагон вохӯрда, аз онҳо дастур гирифтани ӯ низ ба ҳамин ҳодиса иртибот дорад.

Баҳоуддин дар ҳузури Сайид Амири Кулол, дар баробари омӯхтани одоби сайру сулук ва қоидаҳои зикр, дар назди уламо ба омӯхтани илми ҳадис мепардозад. Дар «Мақомоти Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд» ӯ аз устоди худ дар илми ҳадис – Мавлоно Баҳоуддини Деггаронӣ ёд кардааст.

Сайид Амири Кулол баъди чанд муддати дар хидмати ӯ будан, ба Баҳоуддини Нақшбанди зинаҳои сайру сулукро пушти сар гузошта мегӯяд, ки акнун дар ҳузури яке аз шайхони тариқати хоҷагон ё яссавия таълим гирад. Баҳоуддини Нақшбанд тӯли ҳафт сол дар ҳузури Мавлоно Орифи Деггаронӣ ба риёзат ва муҷоҳадат мепардозад. Баъд дар Насаф тӯли чанд моҳ дар ҳузури шайхи тариқати яссавия – Қусам Шайх донишашро доир ба тариқату сулук такмил медиҳад.

Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд дар давоми сафарҳои худ дар дигар кишварҳо низ барои омӯхтани таълимоти тариқатҳои тасаввуф саъю кӯшиш ба харҷ додааст. Ӯ дар давоми солҳои 722/1370 ва 790/1388 вақте сафари ҳаҷ анҷом медод, дар шаҳру кишварҳои Марв, Ҳирот, Сарахс, Майхон, Мозандарон, Бағдод бо Хоҷа Муайяд, Сайфиддини Абҳарӣ, Зайниддин Абубакри Тойбодӣ (ваф. 791/1389) барин шайхону уламо вомехӯрад ва қабри асосгузори тариқати қодирия Шайх Абдулқодири Гелониро (470/1077 – 561/1166) дар Бағдод зиёрат менамояд. Ба ғайр аз ин, Баҳоуддини Нақшбанд дар яке аз сафарҳои худ дар Ҳирот бо ҳукмдори давлати курдҳо (643/1244 – 783/1383) Малик Муизиддин Ҳусайн ибни Ғиёсиддин (732/1332 – 771/1369) вомехӯрад ва дар маҷлисе, ки ҳукмдор бо уламои Ҳирот баргузор намуда буд, иштирок менамояд.

Чунин ба назар мерасад, Баҳоуддини Нақшбанд, ки мақсади такмил додани тариқати хоҷагонро дар пеш гузошта буд, дар баробари донистани нуқтаи назари шайхони даври худ доир ба тасаввуф ва сайру сулук, таълимоти суфиёни пешинро низ амиқ омӯхтааст. Манбаъҳо, бино ба нақли худи Баҳоуддини Нақшбанд таъкид менамоянд, ки ӯ ба ҷуз он ки тарбияи Хоҷа Абдухолиқи Ғиждувониро гирифта буд, тавассути таваҷҷуҳ ба рӯҳи сӯфиёни пешин Увайси Қаранӣ 28 сол қабл аз ҳиҷрат (594-657) ва Ҳакими Тирмизӣ (205/820 – 320/932) таълим гирифтааст. Тавре ки дар манбаъҳо омадааст, ҳангоми таваҷҷуҳ дар Баҳоуддини Нақшбанд инқитоъи том (ба ҷуз Аллоҳ инқитоъ (қатъ)-и ҳама чиз) ва таҷарруди кулл (ба ҷуз Аллоҳ ҳама чизро тарк намуда, бо ӯ танҳо мондан)-и Увайси Қаранӣ, ҳамчунин, бесифатии мутлақи ба Ҳакими Тирмизӣ хос инъикос ёфтааст. Ҷолиб он аст, ки Баҳоуддини Нақшбанд худро идомадиҳандаи таълимоти Ҳакими Тирмизӣ ҳисобидааст: ӯ дар як маҷлис соли 1387 изҳор доштааст, ки бисту ду сол инҷониб дар тариқати Ҳакими Тирмизӣ мебошад.

Дар агиографияи Баҳоуддини Нақшбанд низ, мисли ин ки дар ҳолати рӯҳонии пирони силсилаи аввали хоҷагон Хоҷа Абдухолиқи Ғиждувонӣ, Хоҷа Орифи Ревгарӣ, Хоҷа Алии Рометанӣ ва сӯфии аҳди пешин Ҳакими Тирмизӣ ба назар мерасад, саҳнаи вохӯрӣ бо Ҳазрати Хизр (а.с.) ҷой гирифтааст. Тавре ки муаллифони «Анис-ут-толибин» ва «Мақомоти Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд» навиштаанд, Баҳоуддини Нақшбанд вақте ба Насаф – ба ҳузури Сайид Амири Кулол мерафт, Хизр (а.с.) дар сурати як чӯпони аспсавор ба ӯ пеш меояд. Ба сабаби он ки Баҳоуддини Нақшбанд ба сӯйи пири худ шитоб дошт ва намедонист, ки он аспсавор Хизр (а.с.) аст, ба ӯ эътибор надода, роҳашро идома медиҳад. Тавре ки дар қисса омадааст, Ҳазрати Хизр (а.с.) ҳамон вақт ба Баҳоуддини Нақшбанд муроҷиат мекунад.

Баҳоуддини Нақшбанд, то даргузашти пиру устоди тариқати худ – Сайид Амири Кулол, ба сифати муриду пайрави ӯ кору фаъолият дошт. Дар манбаъҳои тариқати хоҷагон-нақшбандия доир ба муносибатҳои байни Баҳоуддини Нақшбанду Сайид Амири Кулол қиссаҳои зиёде оварда шудаанд. Дар яке аз он гуфта мешавад, ки Баҳоуддини Нақшбанд дар ҳолати маҷзубӣ вақте ба ҳузури Сайид Амири Кулол меравад, пираш ӯро се маротиба аз наздаш меронад. Вале ӯ аз он ки устодашро эҳтиром мекард, такроран ба ҳузури пир бармегардад. Пири тариқат иштиёқи баланди шогирдро дарк намуда, вайро ба худ наздик мегирад. Дар қиссаи дигар оварда шудааст, ки Сайид Амири Кулол аз Баҳоуддини Нақшбанд рашк бурдани муридони дигарро ҳис карда, ӯро беҳтарин халифаи худ меҳисобад.

Дар манбаъҳои тариқати хоҷагон-нақшбандия дар бораи валигӣ ва кароматҳои Баҳоуддини Нақшбанд мисолҳои зиёде оварда шудаанд. Нақл мекунанд, ки кароматҳои аввалини Баҳоуддини Нақшбанд вақте рӯй медиҳад, ки ӯ чорсола буд. Он вақт вай ба назди говашон рафта башорат мекунад, ки гов гӯсолаи пешонааш сафед таваллуд мекунад. Бино ба ҳикоятҳое, ки дар манбаъҳои мазкур оварда шудаанд, вай дорои қобилияти фикри дигаронро хонда тавонистан, аз ғайб ба куҷо рафтани дигаронро донистан, аз ғайб пайдо кардани таом, солҳои хушксолӣ аз ғайб об овардан ва анҷом додани дигар корҳо будааст. Ӯ ҳатто боре бо чанд мурид ба ҳузури пири худ Сайид Амири Кулол мерафт, ба ӯ як ҳамсафараш мегӯяд: «Дар роҳи дӯстӣ бо шумо, агар гӯед, ки «бимир» «мемирам». Амр медиҳанд: «Бимир!», ҳамсафар мемирад, баъди фурсате вақте амр медиҳанд: «Зинда шав!» аз нав зинда мешавад. Ба ҷуз ин, манбаъҳои мазкур аз номи худи Баҳоуддини Нақшбанд нақл мекунанд, ки чанд бор вақте ба ҳоли фано ва ғайбат меафтанд, ба осмони чоруми рӯҳӣ парвоз карда, ба дараҷаи сӯфиёни машҳури пешин: Боязиди Бистомӣ (ваф. 262/875), Ҷунайди Бағдодӣ (ваф. 207/909), Мансури Ҳаллоҷ (244/858 – 309/922) ва Абубакри Шиблӣ (ваф. 334/945) мерасад, аз онҳо гузашта вориди боргоҳи Муҳаммад (с.а.в.) мегардад ва эҳтироми ӯро ба ҷо меоварад.

Баҳоуддини Нақшбанд низ мисли пири худ аз пушти меҳнаташ рӯз диданро афзал дониста, бо касбу кор машғул шудааст. Вай даставвал ҳамроҳи падар бо ҳунари гуландозӣ ба газвор машғул мешавад, дертар ҷаву мош парвариш менамояд.

Сайид Амири Кулол пеш аз вафоти худ ба Баҳоуддини Нақшбанд иҷозат медиҳад, ки муридонро тарбия кунад. Роҳбарии тариқатро ба ӯ месупорад, ба муридон амр медиҳад, ки аз паси Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд бираванд.

Баҳоуддини Нақшбанд бо номҳои Бибиҷа Хотуни Калон, Бибиҷа Робия Хотун ва Бибиҷа Сарвар Хотун се духтар дошт, ки ҳар се ба пайравони таълимоти Баҳоуддини Нақшбанд ба шавҳар баромадаанд. Аз ҷумла, Бибиҷа Хотуни Калон ба писари Алоуддини Аттор – Ҳасани Аттор, Бибиҷа Робия Хотун ба Мавлоно Фазлуллоҳи Найистонӣ, Бибиҷа Сарвар Хотун, ба Абулхайри Туркистонӣ ба шавҳар баромадаанд.

Хоҷа Баҳоуддин дар 3 рабеъулаввали соли 791 ҳиҷрии қамарӣ – 1 марти соли 1389 милодӣ дар синни 74 аз олам чашм мепӯшад ва дар зодгоҳи худ – деҳаи Қасри Орифон дафн карда мешавад.

### АСАРҲОИ ХОҶА БАҲОУДДИН

Дар манбаъҳо ҳарчанд оиди асар навиштани Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд қайде нест, муридону пайравони ӯ суханони доир ба тасаввуф, зинаҳои сайру сулук, одоби тариқат ва мафҳумҳои асосии тасаввуфи ӯро навишта гирифта, дертар дар чанд маҷмӯа ҷамъ овардаанд, ки инҳоанд:

**1. «Қудсия»** («Суханони қудсӣ») – суханони қудсии Баҳоуддини Нақшбандро маҷлис ва вазъҳо дар бар мегирад. Ин суханон аз ҷониби муриди ӯ Хоҷа Муҳаммади Порсо навишта гирифта шудаанд. Баъди вафоти Баҳоуддин бо хоҳиши муридон ба шакли китоб оварда шудааст.

**2. «Аврод-ул-баҳоия»** («Вирдҳои Баҳоуддин») – бино ба ривоятҳо вирдҳоеанд, ки Баҳоуддини Нақшбанд дар хоб аз Ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.в.) омӯхтааст. Дертар аз ҷониби муриди ӯ Ҳамза ибни Шамшод тибқи тартиби алифбо шарҳ дода шудаанд.

**3. «Авроди сағир»** («Вирдҳои кӯтоҳ») – маҷмӯи вирдҳои кӯтоҳе, ки аз ҷониби Баҳоуддини Нақшбанд гуфта шудаанд.

**4. «Воридот»** («Фикрҳое дар дил») – доир ба фикрҳое, ки аз Аллоҳ ғайриихтиёр ба дил ворид шудаанд.

**5. «Далил-ул-ошиқин»** («Далели ошиқон») – асар дар бораи соликоне, ки дар роҳи қаробатҷӯйӣ бо Аллоҳанд.

**6. «Ҳаётнома»** – вазъу андарзҳо доир ба моҳияти ҳаёти инсон ва сермазмун гузаронидани умр.

**7. «Рубоиёт»** – рубоиҳои ирфоние, ки доир ба мавзӯъҳои гуногун гуфта шуда, дар асарҳои мухталифи ӯ бамаврид омадаанд.

**(Давом дорад).**

**Абдулғафур Раззоқи БУХОРӢ,**
**мударриси мадрасаи Мири Араби Бухоро.**

**Комилҷон РАҲИМОВ,**
**ходими калони Институти шарқшиносии ба номи Абурайҳони Берунӣ, доктори улуми таърих.**

*Юнуси ИМОМНАЗАР*

# ҚИССАИ ҲОҶӢ

*(Порае аз қисса)*

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

Ҳамин ки домулло аз суханронӣ бозистод, Дарвеш гуфт:

– Дар ҳақиқат, Худованд намози ҷумъаро бар мо воҷиб кардааст, инро расули акрам дар яке аз хутбаҳояш ошкор намуда...

Домулло бо иштиёқи бештар ба сухани худ идома дод:

– Оре, ҳамин тавр. Паёмбари гиромӣ фармуда, ки ҳар кас ин намозро дар ҳаёти ман ё пас аз вафоти ман сабук шуморида ва инкор карда раҳо созад, Эзид ӯро парешон кунад ва ба кораш баракат надиҳад. Бидонед, намозаш пазируфта намешавад! Бидонед, закоту рӯзааш қабул намегардад! Бидонед, ҳаҷҷаш мабрур нест! Бидонед, корҳои неки ӯ писандида ва пазируфта нахоҳад шуд!

Ин таъкидҳо гӯё чун хору тир бар қалбам мехалиданд. Ба гумонам, ҳама суханони домулло ба сӯйи ман равона аст. Сарам хам, тавонам кам, ба зиқиам тангии дам зам шуд. Адами маърифати динӣ чун ҳалқаи таранг гулуямро мефишурд...

То вақти пешин мисли калобаи беҷон аз пайи Дарвеш гаштам. Бо ҳам дар як утоқ ҷойгир шудем. Ҳар коре мекард, ман низ онро анҷом медодам, дигар чорае корагар ба назарам наменамуд. Дар мағзам фақат як андеша буд: аз чолаи таку танҳоӣ бояд роҳи наҷот ҷуст!

Ниҳоят, хабар доданд, ки ҳама дастҷамъ ба намози ҷумъа меравем. Ба Дарвеш, ки комилан либоси покиза пӯшида, зери забон дуоҳое хонда, ба кашу гардани худ мушки анбар мезад, худро бемор вонамуд карда гуфтам:

– Ҳолам хуб нест, ман намеравам.

Дарвеш ногаҳон чашмонашро мисли пиёла кушода, бо ҳайрат ба ман рӯ овард.

– Рафиқ, ин чӣ мунофиқӣ аст?! – умедаш наомада бо зарда гуфт ӯ. – Маълум, ки сари ҳолӣ, ин саркашиҳо барои чӣ?

Аз он, ки калимаи намозро шунида баданам ба ларза меомад ва худро ноҳинҷор ҳис мекардам, бо забони гирифта афзудам:

– Хоҳиш мекунам... маро танҳо гузор...

Дарвеши ҳайратзада лаҳзае гаранг монд. Аз хаёлаш чиҳо мегузашт – фақат ба худаш аён. Якравии маро дида, лоилоҷ даст афшонду рафт.

Ба ин минвол, гурӯҳи мо намозҳои асру шому хуфтани он рӯз ва субҳи дигар намози бомдодро низ ба иттифоқи ҳам дар Масҷиди Набӣ гузошта омаданд. Дар роҳравҳо, дар зинапояҳо, дар ошхона – ҳар куҷо онҳоро медидам, бениҳоят шоду масрур буданд. Пайваста аз лутфу марҳамати Худованди бузургу меҳрбон ҳарф мезаданд, шукронаҳо мегуфтанд. Аз он меболиданд, ки бо иноятн Ҳақ ба зиёрати Равзаи пок, ба тавофи марқади Ҳазрати Муҳаммад Мустафо салаллоҳу алайҳи вассалом расидаанд ва ниёишу саҷдаҳои худро дар намозгоҳи бузурги он ҳазрат гузоштаанд.

Ман бошам, тайи ин муддат танҳо будам. На Худоро мешинохтам, на ёрони ҳамсафарро. Бароям на Равзаи мутаҳҳара маънӣ дошт, на марқади расул. Дар хона намонда, дӯконҳои атрофи ҳутелро давр зада баромадам, ба як дӯкон чандин бор сар задам. Бо ин ҳол, сари зиққиам намешикаст, аҳёнан дилам ҳавл меовард, буғзе гулуямро мегирифт. Ҳавои дамгири Мадина бештар маро пакар мекард, худ аз худ асабонӣ мешудам. Панҷаҳоямро мушт карда ба зонуҳоям, ба шақоиқам мезадам. Бехаёл, занамро нафрин мекардам: «Мӯйдарози ақлкӯтоҳ, маро ба чӣ ҳол афкандӣ?! Маро ба чӣ гӯре фиристодӣ?!»...

Бо ин ҳол, ба гурӯҳамон пайвастам. Рӯзи дигар, пас аз чойи субҳ ҳама дар назди хутел савори автобус шудем. Домулло эълон кард:

– Мо ба зиёрати қабристони Уҳуд меравем!

Автобуси қоматбаланд, ки бар хилофи гармию гирифтагии фазои берун ҳавои сарди дилосое дошт, бе сарусадои гӯшгир ором ба роҳ баромад. Аз пушти шишаи он манзараҳои монанд ба ҳамдигар – иморoти чор-панҷошёна, ки аксаран бо рангҳои хокиву хокистарӣ рӯнамоӣ мекарданд, дарахтони нахл, аҳёнан кӯҳу теппагиҳои начандон баланд бо пӯшиши сангу шаххҳои сиёҳ, ки бо нури офтоб ҷило медоданд, ба дид мерасиданд. Ҳамхонаам Дарвеш дар паҳлуи ман менишаст, пайваста ҳавои маро дошт, аз муомилаю ҳаракатҳояш пайдо буд, ки хеле мехоҳад мани «кавдану лаванд» низ доимо дар гурӯҳ бошам. Ба хотири дилгармӣ доштанам ба ин зиёрат мегуфт:

– Уҳуд номи риштакӯҳест, ки дар шимолу шарқии Мадина, дар минтақаи Ҳиҷоз қарор дорад. Мегӯянд, аз Масҷиди Набавӣ то он ҷо панҷу ним километр фосила аст. Чун Мадина бо мурури замон васеъ мегардад, ин баландиҳо дар дохили шаҳр мемонанд. Кӯҳҳои Уҳуд дар асл аз сангҳои азим ва қуллаҳои гуногуни хурду калони аз ҳам ҷудо шакл гирифтаанд, ки ба назари бинанда ҳамчун хӯшаи ангур ва бештар бо ранги сурх ҷилва мекунанд. То баландтарин қуллааш аз сатҳи дарё ҳазор метр аст...

Ба домани Уҳуд хеле зуд расидем. Дар ҳоле, ки шикоми калони тӯрбамонанди худро ба дарун кашида, бо поҳои кӯтоҳ базӯр мефуромадам, «хӯшаи ангур»-ро дар зеҳнам тасаввур карда, аз Дарвеш пурсидам:

– Мо дар ин кӯҳ чиро гум кардаем?

Дарвеш ин лоқайдии маро дар дарун хӯрда, оромона гуфт:

– Рафиқ, ғазваи[1] Уҳуд миёни мусалмонон ва мушрикони Макка дар ҳамин ҷо рух додааст. Дар он ҷанг бисёре аз ёрони паёмбарамон ба шаҳодат расидаанд, аз ҷумла, амакашон Ҳамзаи диловар. Бо амри расули Худо ҳамаи онҳо дар пояи кӯҳи Уҳуд дафн шудаанд. Мусалмонон ба ин кӯҳу гӯристони он алоқаи бемисл доранд ва паёмбар фармудааст: «Уҳуд кӯҳест, ки моро дӯст дорад ва мо низ онро дӯст медорем... Дар рӯзи қиёмат солори шаҳидон дар назди Худо Ҳамза аст».

Медидам, ки сари гурӯҳи мо дар роҳи васеи дастрасӣ ба доманаи кӯҳ хеле пеш рафтааст. Бо ишораи Дарвеш ман ҳам маҷбур шудам тезтар по ёзонам. Сесад ё бештар қадам ниҳода, аз паҳлуи теппаи на он қадар баланде, ки пур аз одам буд, ба назди як қабристон расидем. Он гирдогирд панҷараи баланди оҳанӣ дошт. Домуллои мо аллакай вазъ мегуфт. Ҳама малулу сархам, бо руҳияи гирифта дар канори ӯ ҷамъ шуда, бо диққат ба суханҳояш гӯш медоданд.

– Ҳоло ба ин навиштаҷот таваҷҷуҳ кунед, – ба сӯйи овезаи калоне, ки бар сари панҷара насб шуда буд, бо ангушти ишора нишон дода гуфт ӯ. – Ин катиба роҳнамоии зарурӣ барои боздидкунандагон аст, ки ба забонҳои арабӣ ва форсӣ китобат шудааст. Хеле мехостам Мулло Дарвеш онро бихонад ва мазмунашро баён кунад.

Аз ин муроҷиати домулло ман шод шудам. То ин ҷо намедонистам, ки ҳамроҳу ҳамхонаи ман мулло асту аз хеле чиз огоҳ. Ҳама гӯшу ҳуш ба ӯ шудем. Дарвеш аз овезаи форсӣ ба хондану маънидод кардани матолиби рӯйи он пардохт:

– Ин ҷо аз ҷумла омада, ки зиёрати қабристонҳо дар пайравӣ аз паёмбар суннат аст.

Расули акрам ҳангоми боздид аз гӯристонҳо фармудаанд: «Салом бар шумо, эй муъминину муслимин – сокинони ин диёр! Иншоаллоҳ, мо ҳам ба шумо мепайвандем. Аз Аллоҳи таоло барои шумо ва барои худамон офият хоҳонем». Боз ҳам омада, ки чизеро талаб кардан аз мурдаҳо, кумак хостан, шафоат ва талаби ҳоҷот аз онон ширки акбар аст ва сабаби хориҷ шудан аз доираи Ислом мегардад. Пас, барои раҳоӣ аз душвориҳо ва баровarда шудани ниёзмандиҳои худ ба сӯйи Аллоҳи беният руҷӯъ кунед. Паёмбар (с.а.в.) фармудаанд: «Ҳар гоҳ талабе кардӣ, аз Аллоҳи таоло биталаб ва ҳар гоҳ кумаке хостӣ, аз аллоҳ таоло бихоҳ!».

**(Давом дорад).**

[1] *Ғазва – ин истилоҳ ба ҷангҳое гуфта мешавад, ки дар онҳо паёмбар фармондеҳӣ кардааст.*

# ГИРОМИДОШТИ АЛЛОМА

**_Мардуми Самарқанд хотири дурахшони Устод Садриддин Айниро ҳамеша бо эҳтирому арҷгузорӣ пос медоранд. Ба муносибати 145-солагии Устод Айнӣ натанҳо дар мактабҳои таҳсилоташ миёнаи тоҷикӣ, инчунин дар Хона-музейи устод анҷумани хотирнишон ба вуқуъ пайваст._**

Қабл аз тадбир вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин ва Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Ўзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода дар доираи сафари расмӣ ба шаҳри Самарқанд ба осорхонаи Устод Айнӣ ташриф оварда, бо корҳои ибратбахши таъмири хушсифати он шинос шуданд.

Сарвари осорхона Амриддин Пўлодӣ ба меҳмонони олиқадр роҷеъ ба экспонатҳои музей маълумот дод.

Меҳмонон дар Китоби хотирот андешаҳои хешро навиштанд.

Дар тадбир бахшида ба ҳаёт ва фаолияти эҷодии Устод Айнӣ профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд Садрӣ Саъдиев, адабиётшинос Ҷумъа Ҳамроҳ, нависанда Адаш Истад ва дигарон баромад карданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**

*Дар нигористон*



# ДАВОМИ АНЪАНА

**_Баҳром Сафозода писари рассоми машҳур ва номдори самарқандӣ шодравон Даврон Сафозода буда, ў анъанаҳои неки падари бузургвори хешро идома медиҳад. Дар Донишгоҳи байналхалқии технологии Самарқанд ташкил ёфтани вернисажи асарҳои вай таҳти унвони «Мутафаккирон ва алломаҳои бузурги Шарқ» далели фикрамон аст._**

Ба ҳамин муносибат анҷумани бошукўҳ ба вуқуъ пайваст, ки дар он рассомон, санъаткорон, олимон ва мухлисони санъати тасвирӣ ширкат варзиданд.

Ректори донишгоҳ, профессор Юсуф Абдулло таъкид намуд, ки рассом Баҳром Сафозода дар чеҳраофарӣ маҳорати баланд дорад. Дар намоишгоҳ симои беш аз сӣ нафар алломаҳои бузурги Шарқро гузошт, ки он қобили таваҷҷуҳ буда, тамошобинро бефарқ намегузорад.

— Ман бо Баҳромҷон амакбача ҳастем, — иброз дошт узви вобастаи Академияи рассомони Ўзбекистон Аслиддин Исоев, – бинобар ҳамин дар ҳар як вохўрӣ маҳз доир ба санъати тасвирӣ суҳбати дилнишин ороста, мубодилаи афкор мекунем. Имрўз ба асарҳои вай диққат дода, таъбам болида гашт, ки ҷияни азизам хеле пеш рафтааст. Зеро чеҳраҳои Мирзо Улуғбек, Мир Алишер Навоӣ, Қозизодаи Румӣ ва дигарон хеле табиӣ офарида шудааст.

— Камина бо чеҳраофарӣ солҳои зиёд машғул ҳастам, – гуфт Баҳром Сафозода, — силсилаи расмҳо, ки ба намоиш гузошта шудаанд, дар асоси мутолиа, суҳбат бо олимон, омўзиши дастхатҳои қадима ва аз наздик шинос шудан бо асарҳои ҳамкасбони худ офарида шудааст. Ҳоло адади портретҳо ба 80 расидааст, ки минбаъд нияти албом кардан дорам.

Ҳар як асари ба вернисаж гузошташуда далели он аст, ки рассом бо заҳмату талошҳои хосса ба муроди дил расидааст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар вилояти**
**Самарқанд.**

*Ахлоқ*

# ДЕВОРИ КАҶИ ДУРЎҒ ДЕР НАПОЯД

Бесабаб гузаштагони мо илм дар ҷавонӣ нақш дар санг аст, нагуфтаанд. Солҳои аввали таҳсили мактаб роҳбари синфамон дар соатҳои тарбиявӣ яке аз масалҳои Алишери Навоиро нақл карда буд, ки то ҳол паси гўшам садо медиҳад. Бино ба нақли ў, марде буд, ки атрофиён ўро чун фиребгар хуб мешинохтанд. Рўзе хонаи он мард оташ мегирад. Мард доду фарёдкунон атрофиёнро ба кумак ҷеғ мезанад, аммо касе ёфт намешуд, ки ба ў бовар кунаду ёрӣ расонад. Кухансоле ба ў мегўяд, ки ту, ҷуз худат, аз касе маранҷ...

Гўш додани сухани атрофиён, бахусус агар онҳо ношинос бошанд, кори хуб нест. Рўзе тавассути метро роҳи манзилеро пеш гирифтам. Дар вагон ҳарчанд одамон зиёд буданд, суҳбати се духтар, ки навакак вориди он шуда буданд, ба гўшам мерасид: ҳоло метро зуд-зуд меояд. Агар пайи коре ба хона дер монаму модарам занг занад, «дар истгоҳ интизори автобус ҳастам» мегўяму тавассути метро баъди 10-15 дақиқа ба хона мерасам», – мегуфт яке аз онҳо...

Дар худ андешидам: оё модарро фиреб додан мумкин аст? Модаре, ки барои фарзанд ҷонним сориҳо мекунаду бар ивази талошҳояш ба ў ҷаннатро ваъда кардаанд, лоиқи фанду фиреб аст?

Ягон падару модар намехоҳад, ки фарзанди ў дурўғгўй бошад. Сабабҳое, ки наврасонро ба дурўғгўӣ водор месозад, зиёданд. Яке аз онҳо дурўғгўии худи падару модарон аст, ки пас аз чунин ҳолати ногувор фарзандон низ ба онҳо пайравӣ мекунанд. Аз ин чунин хулоса бояд кард, ки агар волидон хоҳанд, ки фарзанди онҳо ростгўю ростқавл ба воя расад, худи онҳо бояд ростгў бошанд.

Сабаби дуюме, ки равоншиносон онро низ омили асосӣ мешуморанд, тақлид кардани ҷавонон ба рафиқону ҳамсолон мебошад. Албатта, агар рафиқон аз оилаи носолим бошанд, инро низ волидон бояд пешгирӣ намоянд.

Дурўғгўии бачаро дар навбати аввал бояд волидон дарк намоянд. Агар дар ҳалли масъала ё коре наврасон баҳонаҳои зиёд ҷўянд, бояд натиҷа гирифт, ки онҳо ба дурўғгўӣ «такя» мекунанд.

Гуноҳҳо ду навъанд: сағираву кабира. Ҳарчанд дурўғгўӣ ба гуноҳи сағира дохил мешавад, агар пешгирӣ нашавад, ба гуноҳи кабира мубаддал хоҳад ёфт. Агар шахси дурўғгўро ба роҳи рост роҳнамун насозанд, бешубҳа, рўзе меояду ў ба шахсе табдил меёбад, ки аз ягон бадӣ рў намегардонад...

Дурўғгў барои ҷамъият хавфи зиёд дорад. Наврасе, ки дар мактаб устод, дар кўча рафиқу дар хона падару модарро фиреб медиҳад, оянда хуб надорад.

Дар яке аз ҳадисҳои паёмбарамон Муҳаммад (с.а.в.) омадааст, ки «Мусулмон дурўғ намегўяд». Оре, бесабаб гузаштагони мо дурўғгўиро гуноҳи азим нашуморидаанд. Аз кор «монда шудан»-и коргурез ё изофанависон дар асл шахсоне буданд, ки овони ҷавонӣ дурўғгўиро «мисли об нўшидаанд». Боз гуфтаанд, ки оғози ҳамаи сифатҳои ношоистаи одамӣ фиреб аст.

Дини мубинамонро сарчашмаи «одобу тарбия» низ мегўянд. Дар он дурўғгўӣ дар вазъиятҳои муросокории байни бародарон, волидон ва давлатҳо рухсатӣ шудааст. Агар мо низ ба чунин ақидаи қавӣ риоя намоем, муносибати байни одамон, поку беғубор мегардад.

**Н. НОДИРОВА.**

*Дар ҷевони китоб*

# ШИНОСНОМАИ ЯК ТОҶИКДЕҲА

**_Рўнамойии китоби «Деҳаи Бибиширин ва зодагони сарбаланди он», ки ба қалами Раҳматуллоҳ Шоҳимардонов, як тан аз омўзгорони эҷодкори ноҳияи Бойсун мутааллиқ аст, даҳҳо нафар алоқамандони маънавият ва маърифат, намояндагони фаъоли ҷомеа, роҳбарони идора ва кормандони воситаҳои ахбори умумро гирдиҳам овард._**




Ин чорабинии фарҳангӣ бо ибтикори дастандаркорони нашри китоб дар маҷлисгоҳи мактаби рақами 33-юми ноҳияи Бойсун баргузор гардид. Омўзгори забон ва адабиёти тоҷик Қудрат Эшонқулов дар бораи китоб маълумоти мухтасаре дод ва бо мўҳтавои он ҳозиронро шинос намуд. Аз ҷумла гуфт, ки мардуми Бибиширин, ки саросар тоҷиконанд, дер боз мунтазири нашри чунин як китоб буданд ва боиси хушнудиҳост, ки ин орзуи онҳо дар амал татбиқ гардид ва нашриёти «Сурхон-нашр» китобро бо сифати баланд нашр кард. Кунун таърихи ин деҳаи кўҳистонӣ тадқиқ гардидаву бо далелҳои муҳкам собит шуда, пешкаши хонандагони дўстдори таърихи диёр ва муҳаққиқони илми этнография қарор гирифтааст. Китоб аз шаш боб таркиб ёфта, ҳар бахши он аз рўзгори мозӣ ва имрўзи бошандагони ду ҷамоати шаҳрвандон – Бибиширин ва Ширинобод ҳикоят мекунад. Ҷо-ҷо ҳикояву мақолаҳои аҳли назар доир ба шахсиятҳои таърихии деҳа, фарзандони барўманди он оварда шудаанд, ки ба ҷаззобияти китоб афзудааст.

Раиси маҳаллаи Ширинобод Нормамат Азизов таъкид кард, ки ин китоб бояд дар бойгонии хонадони ҳар як бошандаи деҳа ҷой гирад.

Раиси Маркази фарҳангии тоҷикони ноҳияи Бойсун Ғаффор Норбоев зимни суханронӣ гуфт, ки дар китоби мазкур олими шинохтаи тоҷик, доктори илмҳои филологӣ, профессор Масрур Абдуллозода муқаддимае навиштаву аз таърихи ноҳия суханҳои илмие ба миён гузоштааст, ки то ҳол ба аҳли қаламрав маълум набуд. Этимологияи Бойсунро, ки қаблан аксар ба ривоятҳо такя мекарданд, дар асоси навиштаҳои олимони ҷуғрофишиноси асри X ва маъхазҳои таърихии минбаъда шарҳ дода, навиштааст, ки Бойсун ҳамон калимаи дар гўишҳо каме тағйирёфтаи «Басанд», «Босанд» ва «Босунд» аст ва маънои шаҳри дорои кўшк ва қалъаи дастнорасеро дорад ва ин шаҳр дар байни ду давлат – Суғд ва Бохтари қадима ҷой гирифтааст. Бибиширин бо фарзандони фарзонаи худ чун доктори илмҳои филологӣ, профессор Аҳмад Абдуллоев ва писари ў доктори илмҳои филологӣ, профессор Масрур Абдуллозода, доктори илмҳои техникӣ, профессор Абдуҷаббор Саидқосимов, шоир Равшани Эҳсон, номзади илмҳои техникӣ Раҳматулло Каримов, омўзгори бахши забон ва адабиёти руси ДД Тирмиз Маҳмуд Абдуллоев ва узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Шариф Халил ифтихор дорад. Ба забони фасеҳи тоҷикӣ иншо гардидани китоб худ далели он аст, ки ҳанўз бошандагони ин деҳа ҳуввияти миллии худро аз даст надодаанд. Аммо Ғаффор Норбоев аз он изҳори нороҳатӣ кард, ки дар мактаби соф тоҷикии деҳа синфҳои тоҷикӣ сол аз сол коҳиш меёбанд. Ба гуфтаи ў, кунун замонаҳо тағйир ёфтааст ва эҳё намудани дабистонҳои тоҷикӣ, ки дар собиқа амал мекарданд, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи Маркази фарҳангии тоҷикон ва фарзандони худогоҳи он мебошад.

Китоб навиштан, хоса китоби таърихию этнографӣ бо сўзан ҷоҳ канданро мемонад ва машаққати сангине дорад. Дар шаш боби ин китоб таърихи ташаккули як деҳаи тоҷикнишини Бойсун хеле хуб ба қалам дода шудааст ва онро метавон шиносномаи деҳаи Бибиширин унвон кард.

**Анвар ХОЛОВ,**
**омўзгори фанни**
**таърихи мактаби рақами**
**33-юми ноҳияи Бойсуни**
**вилояти Сурхондарё.**



*Футбол*

# МУСОБИҚАҲО ОҒОЗ ШУДАНД

**_Ба наздикӣ дар варзишгоҳи марказии ноҳияи Бўка мусобиқаҳои футбол ва мини-футбол барои Ҷоми раиси Хадамоти амнияти давлатӣ оғоз ёфт._**

Бояд гуфт, ки имрўз дар ноҳия ҷамъ 44 ҷамоати шаҳрвандон ба 8 гурўҳ тақсим шуда, алҳол дар ҳудудҳо бозиҳои гурўҳӣ, ки дар ҳар гурўҳ 6 ва 5 дастаи маҳаллаҳо ҷудо карда шудаанд, баргузор мешаванд.

Бешубҳа чунин мусобиқа, ки бо ташаббуси Агентии кор бо ҷавонони ҷумҳурӣ якҷо бо Вазорати рушди варзиш ва Хидмати амнияти давлатӣ роҳандозӣ мешавад, меҳри ҷавононро нисбат ба футболу варзиш бедор менамояд.

– Мусобиқаҳои футболи мавсими соли гузаштаи барои Ҷоми раиси ХАД барои футболбозони дастаи мо дарси муҳим буд. Маҳз бо талошу ҳаракати онҳо ҷамоаи «Дўстлик» дар миқёси ҷумҳурӣ унвони чемпиониро соҳиб гардида буд, – мегўяд сарвари ҷавонони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Дўстлик»-и ноҳия Шоҳрух Ҳакимов. – Ба наздикӣ маросими ба истифода супурдани майдони сунъии мини-футбол ва майдончаи варзишии универсалӣ баргузор мешавад, ки барои пурмазмун гузарондани вақти холӣ ва ба варзиш шуғл варзидани ҷавонони маҳалла имконияти васеъ фароҳам меоварад.

**М. ҚОДИРЗОДА,**
*ноҳияи Бўкаи вилояти ТОШКАНД.*

# ЭҲТИЁТКОРӢ АЗ ОФАТҲОИ ТАБИӢ

**_Обхезӣ аз офатҳои табииест, ки дар муддати кўтоҳ талафоти калон оварда, аҳолиро ба таҳлука мегузорад. Он дар натиҷаи боридани борони бошиддати бардавом, жола сар мезанад. Баъзан аз якбора об шудани барфҳои сари кўҳ оби сатҳи дарё, сойҳо боло шуда ба обхезӣ сабаб мешаванд. Бо баробари обхезӣ селравӣ, тармакўчиҳо низ рух медиҳад._**

Чунин ҳодисаҳои табиӣ ба аҳолие, ки дар бағали кўҳҳо, атрофи сой, дарёҳо буду бош доранд, нисбатан хавфноктар аст. Зеро оби сою дарёе, ки аз сатҳи муайян боло мебарояд, боғу роғ, ҷойи зисти аҳолӣ, майдонҳои зироат ва дигар иншоотро пахш намуда, зарар меорад.

Маркази хидмати гидрометорологияи ҷумҳурӣ барои пешгирӣ намудани ҳолату муаммоҳои марбути обхезиву селравӣ мунтазам корҳои назоратӣ мебаранд. Бахри ҳифзи аҳолӣ ва ҳудудҳо пеш аз ҳама, атрофи соҳилҳои дарёву сойҳоро мустаҳкам менамоянд. Инчунин корҳои ташвиқотиву тарғиботиро байни аҳолӣ ташкил менамоянд. Ба аҳолӣ ҳангоми селравӣ ба таҳлука наафтида, ҳаракатҳои муфиду аввалиндараҷаро меомўзанд.

Дар баъзе ҳудудҳо аҳолиро муваққатан ба ҷойи бехавф мекўчонанд. Дар маскан, ҳудуде, ки аз офати табиӣ зарар дидааст, корҳои бартарафнамоӣ бурда мешавад.

**Ҳаёт НОЗИМОВ,**
**инспектори шуъбаи**
**назорат ва**
**профилактикаи**
**бехатарӣ аз сўхтори**
**вазъиятҳои**
**фавқулодаи маҷмуаи**
**ёдгории илмӣ-**
**маърифатии ба номи**
**Каримов.**

**_Имрўзҳо дар шаҳру деҳоти мамлакат тайёрӣ ба маъракаи муҳими сиёсӣ – раъйпурсӣ оиди лоиҳаи таҳрири нави Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон вусъат меёбад. Дар ташкилоту корхона, маҳаллаю кўча бо иштироки нафақат тарғиботчиёну роҳбарон, балки намояндагони халқи шўроҳои маҳаллию Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис низ мазмун ва моҳияти дигаргуниҳои лоиҳаи Конститутсияи нав ба мардум шарҳу эзоҳ мегардад._**

# ЛОИҲАИ КОНСТИТУТСИЯИ НАВ ВА РАЪЙПУРСӢ

Ба наздикӣ дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Қўрғони Вардонзе»-и ноҳияи Шофиркон чунин тадбир ба амал омад. Дар он депутати Палатаи қонунгузорӣ Шерзод Раҳмонов, раиси шуъбаи ноҳиявии Ҳизби экологӣ Ортиқ Музаффаров, намояндаи халқи Шўрои ноҳия ва дигарон дар бораи мазмун ва моҳияти дигаргуниҳои конститутсия, аҳамияти аввалиндараҷа доштани манфиатҳои мардум дар он ва ғайра изҳори ақида намуданд. Иштироккунандагони тадбир, фаъолони маҳалла изҳор карданд, ки мардум 30 апрел ба қитъаи овоздиҳӣ дастҷамъона омада, қарзи шаҳрвандии худро сарбаландона иҷро мекунанд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти**
**Бухоро.**

*Маданияти роҳ*

# БУНЁД МЕГЎЯД, КИ...

Борҳо бо набераам Бунёд дар кўчаҳои Тошканд, Навоӣ ва шаҳрҳои дигар гашту гузор кардаем. Ҳар боре аз гузаргоҳҳо гузаштанӣ шавем, ў ҳатман аз дастам дошта, гирон шудани чароғаки сабзро интизорӣ мекашад, ҳарчанд дар роҳ мошин нест ва ё дур аст.

– Бобо, чароғак сурх аст, пас аз роҳ гузаштани мо мумкин нест, – мегўяд ў.

– Мо бояд ба бехатарии ҳаракат риоя кунем. Ба замми ин давлат барои таъмини бехатарӣ дар роҳ маблағ сарф намуда, чароғакҳоро гузоштааст...

Бунёд ҳоло хонанда аст, дар яке аз мактабҳои шаҳри Чикагои ИМА таҳсил мекунад. Як сол ҳамроҳи волидон дар Венетсияи Италиё низ будубош дошт.

Ҳаракат ва суханони талабаи мактабро дидаву шунида, андеша мекунам:

– Мо-чӣ? Оё мо ба ин ҳама қоидаҳои ҳаракат дар роҳ риоя мекунем? Афсўс, на ҳамеша. Аз ҷойи дилхоҳ роҳро убур мекунем, ба чароғак эътибор надода, ба чап ва рост нигоҳ накарда, аз роҳ мегузарем. Ҳаёти худ ва ронандаи бегуноҳро зери хатар мегузорем. Ва мешавад, ки баъзан ронандаҳо низ ба қоидаҳои ҳаракат дар роҳ риоя намекунанд. Эҳтироми пиёдагардонро ба ҷо намеоваранд...

Воситаҳои нақлиёт мушкилкушои мардуманд, роҳи дуру дарозашонро наздику кўтоҳ, вақти онҳоро сарфа мекунанд. Дар шаҳри Тошканд истифода аз метро хеле босамар буда, имконоти фоидабарӣ аз он хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Нархи чиптаҳо ҳам гарон нест. Дар ҳар як истгоҳ нақшаи ҳаракати қаторҳо ҳаст. Баъди ҳар таваққуф номи истгоҳи оянда эълон мешавад. Агар мусофир номи истгоҳи худро донад, ҳеҷ гоҳ роҳгум намезанад. Барои фуромадан дар он пешакӣ тайёрӣ мебинад ва ба касе халал надода, берун мешавад.

Автобус низ чун нақлиёти мусофиркаш дар шаҳрҳо мақом ва мавқеи хос дорад. Дар ин бобат низ Тошканд ибратпазир аст. Ба пойтахти кишвар ҳар рўз ҳазорҳо мусофир аз гўшаю канори диёри мо ва хориҷи он меоянду мераванд. Аксари онҳо бештар автобусро мавриди истифода қарор медиҳанд. Ҳарчанд таксӣ зиёд ва метавонад мусофирро то манзил расонанд, нархи гаронашон на ҳамаро созгор аст. Бахусус, дар шаҳри азими Тошканд, ки сафи мусофирон нисбати дигар шаҳрҳои кишвар бештар мебошад. Дар ҳар истгоҳ пурсишҳои зиёди мусофирон аз ронандаи автобус ба гўш мерасад:

– Аз фалон истгоҳ мегузаред ё ба фалон истгоҳ меравед? Зиёд садо медиҳанд чунин суол. Онҳо танҳо номи истгоҳи барояшон заруррро медонанду бас. Он истгоҳ дар куҷост, намедонанд. Дар дохили солун низ мусофирро суоли бисёр аз ҳамсафарони дигар пайдо мешавад. Ў маҷбур аст номи истгоҳи заруриро аз атрофиён ҷўё шавад. Ва инро дар ҳар як истгоҳ такрор кунад. Вагарна мумкин аст овора шавад...

Хатсайри ҳар як автобус дақиқ аст. Автобус бинобар хатсайри муайян ҳаракат мекунад. Оё намешавад, ки дар автобусҳо низ чун дар вагонҳои метро ҳар як истгоҳ эълон шуда, номи истгоҳи оянда пешакӣ ба мусофирон расонида шавад. Ин амал, бешубҳа, мушкили мусофиронро сабук намуда, боиси суолборон ва саргардониҳои зиёд намегардад. Агар дар автобусҳои саросари ҷумурӣ ва ба хусус шаҳри Тошканд ин иқдом амалӣ мегардид, нур болои нур мешуд.

Камина дар шаҳри Ҷиззах шоҳиди воқеае шудаам, ки боиси андеша мебошад. Дар ин ҷо байни ҳаракат ва муносибати ронандаҳои автобус ва таксӣ бобати гирифтани мусофир тафовут нест. Кўчаҳои шаҳр равон буда, истгоҳҳо замонавианд. Вале дар истгоҳҳо кам касонро дучор мешавед. Ронандаҳои автобус ба қоидаҳои ҳаракат дар хатсайри худ риоя намекунанд. Онҳо дар ҳар 10-15 метр бозмеистанд ва мусофир мегиранд ё мефуроранд.

Ин ҷо айб танҳо дар ронанда нест. Дуруст аст, ки онҳо бояд автобусро дар истгоҳ нигоҳ доранд, на дар ҳар қадам. Вале бояд плони ҳаррўзаи худро иҷро кунанд. Ташкилот аз онҳо иҷрои нақшаи корӣ ва маблағи муайянро тақозо мекунад. Шояд аз ин сабаб сари ҳар қадам «клиент» мегиранд. Ҳарчанд риоя ба хати ҳаракат вазифа ва ўҳдадории ронанда аст...

Ҳар як фаъолият маданияти худро дорад. Давлат маблағи зиёдро сарф карда, истгоҳҳои замонавӣ бунёд намудааст. Ин ҳама ба манфиат ва роҳати мардум мебошад. Бояд мардум ҳам ин ҳамаро дарк ва ба қоидаҳои ҳаракат дар роҳ риоя кунанд. Қонуну қоидаҳоро эътироф ва ҳурмат намоянд. Эътироф ва эҳтироми қонуну қоидаҳо арҷгузорӣ ба мардум низ ҳаст. Зеро ин маданияти истифода аз воситаҳои нақлиёт мебошад.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори ҷамоатии**
**«Овози тоҷик».**


*Овози тоҷик*

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

**_Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид._**

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.

ISSN 2010-7757

Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-425. Адади нашр 4621 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.

1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 03.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.